# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш.Душанбе, к.Шевченко, 69, тел. ( 372 ) 221-18-35, факс (372) 2217525

## ФАРМОИШ

аз 24.04 соли 2018, № 309 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Барномаи идоравии зиддикоррупсионӣ дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019

Бо мақсади иҷрои талаботи банди 2 Нақшаи чорабиниҳои «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 тасдиқ шудааст, мутобиқи банди 10-и Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти №148 тасдиқ шудааст,

**Ф А Р М О И Ш М Е Д И Ҳ А М:**

1. «Барномаи идоравии зиддикоррупсионӣ дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Ба муовини якум ва муовинони вазир, сардорони раёсатҳо ва шӯъбаҳои дастгоҳи марказии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шавад, ки ҳангоми ҷаласаҳои нақшавӣ ва ғайринақшавӣ, сафарҳои корӣ ва хизматӣ ба муассисаҳои системаи вазорат, ташвиқу тарғиби сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирӣ ва мубориза бо коррупсияро ба роҳ монанд.

2. Ба сардорони Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти давлатии ташхисӣ тиббию иҷтимоӣ, директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сардорони раёсатҳои тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, сартабибони беморхонаҳои марказӣ ва роҳбарони шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, роҳбарони муассисаҳои системаи вазорат супориш дода шавад:

а) иҷрои пурра ва босифати «Барномаи идоравии зиддикоррупсионӣ дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019» таъмин намоянд;

б) ҷиҳати иҷрои «Барномаи идоравии зиддикоррупсионӣ дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019» Нақшаи чорабиниҳои Стратегияи муқовимат ба коррупсияи дохилиидоравиро барои ҳар ду сол таҳия ва тасдиқ намоянд.

4. Ба сардори Шӯъбаи назорат, коргузорӣ ва корҳои махсус (Замунов А.Қ.) супориш дода шавад, ки фармоиши мазкурро тибқи рӯйхат ба маълумоти сохторҳои алоқаманд дастрас намояд.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир Умарзода С.Ғ. гузошта шавад.

Вазир Н. Олимзода

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БАРОИ ФАРМОИҲО
ДЛЯ ПРИКАЗОВ

ДУРУСТ

*Замима ба фармоиши*
*Вазорати тандурустӣ*
*ва ҳифзи ичтимоии аҳолии*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз «24 04» с. 2018*
*№ 316*

**БАРНОМАИ**
**идоравии зиддикоррупсионӣ дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019**

**ДУШАНБЕ-2018**

Муқаддима

Муқовимат ба коррупсия қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, татбиқи он аз иродаи олии сиёсии роҳбарияти давлат оғоз мегардад. Самаранокии муқовимат ба коррупсия аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардии он вобастагии зич дорад.

Мафҳуми муқовимат ба коррупсия фаъолияти тамоми мақомоти давлатиро ҷиҳати ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба миён омадани ҳолатҳои бо коррупсия мусоидаткунанда, ошкор ва мубориза ба ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, бартарафсозии оқибатҳои номатлуби кирдорҳои коррупсионӣ ва таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳо, баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон, пешрафти иқтисодиёт ва таъмин намудани амнияти кишварро дар бар мегирад.

Коррупсия яке аз зуҳуроти хавфноки ҷомеа буда, дар миқёси ҷаҳонӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушду суботи иҷтимоию иқтисодии давлат эътироф гашта, ба пешрафти иқтисодиёт халал мерасонад, бунёди ҷомеаи демократиро заиф сохта, ба рушди демократия таъсири манфӣ мерасонад ва нуфузи давлатро дар арсаи ҷаҳонӣ коста мегардонад.

Гузашта аз ин, коррупсия дар ҷомеа ба риоя нашудани ҳуқукҳои конститутсионии шаҳрвандон замина фароҳам меорад ва ба пояи ахлоқ зарба мезанад.

Таъсири номатлуби коррупсия дар раванди рушди иҷтимоию иқтисодӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, боварии шаҳрвандон ба институтҳои давлатии демократӣ, таҳияи сиёсати зиддикоррупсиониро дар миқёси умумимиллӣ талаб менамояд, ки бояд воситаи муттаҳидсозандаи саъю кӯшиши мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҳаммаи шаклу моликият ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ гардад.

Аз ин рӯ, пешгирӣ ва мубориза бо коррупсияро мо яке аз самтҳои аввалин дараҷаи сиёсати ҳуқуқии давлат ҳисобида, дар чанд соли охир корро дар ин самт хеле тақвият бахшидем.

Бо мақсади андешидани чораҳои маҷмӯии ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва иштироки ҷомеаи шаҳрванди дар раванди мубориза бо коррупсия, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» аз 30 августи соли 2013, №1504 тасдиқ гардида, ҳамчун ҳуҷҷати муҳими давлатӣ баҳри тақвияти мубориза ва пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ заминаи мустаҳкам гузошта, дар доираи он аксари масъалаҳо дар самти мубориза бо коррупсия бо назардошти хулосаи таҳқиқотҳои сотсиологӣ, таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи

кишварҳои дигар ва таҳлили омории вазъи коррупсия таи давраи сипаригашта дар кишвар ҳалли худро ёфтаанд.

Дар доираи Стратегияи мазкур масъалаҳои самарабахшии мубориза бо коррупсия ва механизми муносиби идоракунӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобдиҳии молиявӣ, ба таври электронӣ ва ба воситаи бонк ҷорӣ намудани пардохти хизматрасониҳои мақомот ва муассисаҳои давлатӣ, аз он ҷумла соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, инчунин дигар тадбирҳои дар стратегия пешбинигардида дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор танзими худро ёфтаанд.

Ҷиҳати иҷрои банди 2-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» «Барномаи идоравии зиддикоррупсионӣ дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019» (минбаъд Барнома) таҳия гаштааст.

Барномаи мазкур таҳия ва тасдиқ намудани Нақшаи чорабиниҳои татбиқи «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» барои ҳар ду сол пешбинӣ менамояд.

## 1. Мақсад ва вазифаҳо

Мақсади Барнома ташаккули низоми самараноки хизмат, таҳкими интизоми хизматӣ, одоби касбӣ, пешгирии коррупсия дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва боз ҳам баланд бардоштани нақш ва нуфузи соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҷомеа мебошад.

Баланд бардоштани самаранокии муқовимат ба коррупсия, ташаккул додани маданияти ҳуқуқии кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолӣ, таъмин намудани шаффофияти фаъолияти Вазорат мебошад.

Вазифаҳои Барнома инҳо мебошанд:

- муайян намудани заминаҳои пайдоиш ва хурӯҷ ёфтани қонунвайронкуниҳои коррупсионӣ;
- таҳияи тадбирҳое, ки ба таъмини шаффофияти фаъолияти шахсони масъул равона карда шудаанд;
- таҳлили шаклҳои зоҳиршавии вайронкунии интизоми хизматӣ, одоби касбӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ дар муассисаҳои системаи Вазорат;
- муайян намудани сабабу шароитҳои ба содиркунии чунин ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидаткунанда (таҳлили хавфҳои коррупсия);
- таҳия (такмил)-и чораҳои таҳкими интизоми хизматию давлатӣ, одоби касбӣ ва пешгирии коррупсия дар муассисаҳои системаи Вазорат.

## 2. Мӯҳлат ва марҳилаҳои асосии татбиқи Барнома

Барнома дар солҳои 2018-2019 татбиқ мегардад.

Мӯҳлат ва марҳилаҳои татбиқи Барнома тибқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи идоравии зиддикоррупсионии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» муқаррар карда мешавад.

## 3. Чорабиниҳои пешбининамудаи Барнома

Яке аз омилҳои вайрон гаштани интизоми хизматӣ ва одоби касбӣ аз ҷониби кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ин мавҷуд набудани расмиёти назорати дохилӣ буда, чунин ҷанбаҳои аз нигоҳи коррупсия осебпазири фаъолияти кормандон, санҷиши фаъолияти муассисаҳои системаи вазорат, муносибат бо маводҳои санҷишӣ, маблағҳои пулӣ, дигар сарватҳои моддӣ, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият ва ҳуқуқдиҳанда, қабули шаҳрвандон ва шахсони мансабдори таҳти назорат аз нигоҳи беғарази қарор надоранд.

Омили дигари риоя нашудани интизоми хизматӣ баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, муздситонии ғайриқонунии кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва муносибатҳои шахсии шаҳрвандон, ин нокифоягии танзими ҳуқуқии интизоми хизматӣ, одоби касбӣ ва пешгирии коррупсия мебошад.

Нокифоягии донишҳои кормандон доир ба асосҳои одоби хизматӣ ва дарки коррупсия, аз ҷумла моҳияти ихтилофи манфиатҳо, роҳҳои пешгирӣ ва баромадан аз ҳолатҳои ба бархӯрди манфиатҳо вобастабуда, ба назар нагирифтани манфиатҳо ҳангоми қабул ба вазифа, рад кардани қабули тӯҳфа ва дигар омилҳои муҳим низ барои ба миён омадани падидаҳои коррупсионӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ роҳ мекушоянд.

Барои ҳалли вазифаҳои Барнома чорабиниҳои зерин пешбинӣ гардидаанд:

- такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти Вазоратро дар самти интизоми хизматӣ, иҷроия, одоби касбӣ, тартиби қабул ба кор, ҷойивазкунии кадрҳо (ротатсия), аттестатсияи кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба танзим медароранд;
- татбиқи чорабиниҳо вобаста ба мукаммалгардонии идоракунии муносиб, омӯзиш, дарки хавф ва пешгирии коррупсия, сиёсати зиддикоррупсионии давлат, поктинатӣ ва хизмати давлатӣ, одоби касбии кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

- такмили таҳсили (тайёркунии касбӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ) кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

- фароҳам овардани шароити моддию техникӣ барои фаъолияти самараноки кормандон;

- андешидани тадбирҳои иловагӣ ва муфид ҷиҳати тарбияи кадрҳо, риояи интизоми хизматӣ, иҷроия ва маърифати зиддикоррупсионии кормандон;

- ҳангоми қабул, интихоб, ҷобаҷокунӣ ва ҷойивазкунии кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баҳодиҳӣ ва арзёбии воқеии шахсияти номзадҳо, пешрафти хизматӣ, ҳавасмандгардонӣ ва татбиқи муҷозоти интизомӣ, адолати иҷтимоӣ, баҳисобгирии фикри коллектив ва афзалияти сифатҳои ахлоқӣ, инчунин, риояи талаботи Низомномаи адои хизмат дар системаи вазорат, раёсатҳои тандурустӣ дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе бо кормандони ботаҷриба ва дорои тахассуси баланди касбӣ пурра карда шаванд.

Назорати дохилӣ дар ин самтҳо бояд тариқи мушоҳидаҳои рӯзмаъра аз ҷониби кормандони сатҳи дахлдор, санҷишҳои ногаҳонӣ ва нақшавӣ аз ҷониби роҳбарони болоӣ ба роҳ монда шаванд:

- ба вазифаҳои масъул таъин кардани шахсоне, ки донишу малакаи зарурӣ, таҷриба ва қобилияти ташкилотчигӣ доранд;

- дар мӯҳлати пешбининамудаи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани амалияи ҷойивазкунии (ротатсияи) кормандон;

- гузаронидани санҷишҳои ҳолати пешгирии коррупсия дар воҳидҳои сохторӣ.

## 4. Татбиқи Барнома ва мониторинги он

Бо мақсади таъмини иҷрои Барнома чораҳои дар он пешбинишуда дар Нақша тадбирҳо дақиқ ва мушаххас карда, мӯҳлатҳои иҷрои онҳо ва шахсони мутасаддӣ муайян карда мешаванд.

Татбиқи Барнома аз ҷониби воҳидҳои сохтории вазорат таъмин гашта, мониторинги онро шӯъбаҳои ҳуқуқ ва аудити дохилии вазорат ташкил менамоянд.

Дар дастгоҳи марказии вазорат, раёсатҳои тандурустии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, муассисаҳои системаи вазорат ҳар нимсола ҳолати иҷрои Барномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравиро, ки ба таҳкими интизоми хизматӣ, одоби касбӣ ва пешгирии коррупсия дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ равона шудаанд, таҳлил, ҷамъбаст ва муҳокима намуда, сабабу шароитҳои ба содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидаткунандаро муайян намуда, дар ин бора на дертар аз 15 июн ва 20 декабри ҳар сол ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ахбороти муфассал ирсол менамоянд.

## 5. Натиҷаҳои мунтазира аз татбиқи Барнома

Баланд бардоштани самаранокии мубориза бо коррупсия, ташаккул додани маданияти ҳуқуқии кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ташкил намудани низоми назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти кории шахсони мансабдори системаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, паст намудани шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои характери коррупсионидошта ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ аз ҷониби кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таъмин намудани шаффофияти фаъолияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳангоми қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иштироки кормандони соҳа дар мубориза бо коррупсия ва фароҳам овардани фазои оммавии зиддикоррупсионӣ, бартараф намудани сабаб ва шароитҳои мусоидаткунандаи коррупсия, андешидани тадбирҳои татбиқи ҳуқуқ ва чораҳои ташкилию ҳуқуқии мубориза бо коррупсия, пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани кирдорҳои коррупсиони дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.

## 6. Механизми татбиқи Барнома

Барнома тавассути Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани «Барномаи идоравии зиддикоррупсионии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019» амалӣ карда мешавад. Дар Нақшаи мазкур тадбирҳои мушаххас, мӯҳлати иҷро, сохторҳои мутасаддӣ ва шакли иҷро муайян карда мешавад. Барои ҳамоҳангсозӣ ва мусоидат намудан ба иҷрои баъзе аз бандҳои Нақша чорабиниҳои «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019» метавонанд гурӯҳҳои корӣ аз ҳисоби кормандони масъули дастгоҳи марказии вазорат тибқи тартиби муқаррargardida ташкил карда шаванд.